Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013
назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
(735700, ш. Хуҷанд, мкр. 17 бинои 1)

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти миитақавӣ ва ҳудудӣ**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст алалхусус ба қисматҳои: 12. Фишангҳои коркарди дурнамои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ. 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо. 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мутобиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Тараққиёти иқтисодии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда хоҳу нохоҳ зери таъсири омилҳои мухталиф ба миён омада истодааст, ки вусъатёбӣ ва бисёрпаҳлугии таъсири онҳо ба тамоми тарафҳои ҳаёти инсон мушкилотҳои зиёдеро ба миён меоранд. Аз ин

лиҳоз, ҳадафи пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат ногузир ба унсурҳои низоми экологӣ ва иҷтимоӣ асос гирифта, дар ҳошияи консепсияи рушди босубот аз ҷониби ҷомеъаи ҷаҳонӣ қабул карда шудааст. Масъалаҳои ҳамзистии ҷараёнҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар доираи ин консепсия ба инсоният равона карда шудааст. Татбиқи самтҳои истифодаи оқилонаи омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ (иқтисодиёти корхона, соҳа, минтақа, миллӣ) дар ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ифода меёбад. Ҳамзамон иқтисодиёти сабз ҳамчун унсури асосии рушди устувор муттаҳидгардии муаммоҳои иқтисодӣ ва экологии пешрафти ҷомеъаро ба сатҳи куллан нав ҷойгир менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки таносуби мушкилотҳои иқтисодӣ ва экологӣ мантиқи иқтисодиёти сабзро аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ муқаррар намудааст. Яъне дар замони муосир ҳар мушкилоти иқтисодии ба миён меомада ҳатман бо дарназардошти оқибатҳои экологии он ҳали худро дарёфтанаш лозим аст. Иқтисодиёти сабз, ки бо мақсади коҳиш додан ва қатъи таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист таҳия шудааст, дар солҳои охир муҳимияти зиёд касб кардааст. Инкишофи иқтисодиёти сабз барои нигоҳдории самаранoки муҳити зист ва дар ин васила баҳри таъмини рушди босуботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳаммият дорад.

Муаллифи диссертатсия бомаврид қайд менамояд, ки иқтисодиёти сабз тақозо менамояд, ки манбаъҳои безарар ва технологиҳои нав, ки ба сатҳи пасти ками ифлосшавӣ равонанд, истифода шаванд. Ин боиси коҳиш ёфтани партов ва ифлосшавӣ мешаванд. Истифодабарии оқилонаи сармояи табиӣ ва рушди сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда, ба монанди истифодаи неруи об ва офтоб, барои нигоҳдории муҳити зисти солим мусоидат мекунад. Амсилаи иқтисодиёти сабз барои равона кардани маблағҳои иловагии хоҷагидорон баҳри ҳавасмандгардонии рушди инноватсионии иқтисодӣ мусоидат карда, дар ин васила ҷойҳои нави кориро таъсис медиҳад. Аз ин лиҳоз иқтисодиёти сабз механизми танзимкунандаи рушди муттасили иқтисодӣ ва сохтори истеъмолот ва истеҳсоли муосирро ифода карда метавонад. Бо ибораи дигар дар радифи ташаккулёбии иқтисодиёти сабз тараққиёти иҷтимоӣ иқтисодӣ бояд дар ҳамзистии инсон бо табиат ва муҳити зист амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ

муҳиммияти ҳалли ин мушкилот, мубрамият ва рӯзмарра будани мавзӯи диссертатсия ва накши онро дар омӯзиш ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ-амалии рушди иқтисоди сабз муайян менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқот дар таҳқиқи комплексии ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ ифода ёфта, бо дарназардошти вазъи имрӯза бо инъикоси давраҳои гузашта баҳри оянда нигаронида шудаанд. Унсурҳои асосии навгонии илмии диссертатсияро ифода мекарда:

- низомбандии муносибатҳои назариявӣ - методологӣ оид ба ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз амалӣ карда шуда, дар асоси он муайян гардидааст, ки иқтисодиёти сабз бештар барои ба инобат гирифтани сармояи табиӣ ва камшавии ифлосгардии муҳити зист ба миён омада, татбиқи он бо як қатор мушкилотҳо алоқаманд мебошад, ки барои бартараф намудани онҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти бахши давлатӣ ва хусусии иқтисодиёт дар минтақаҳо муҳим ва аввалиндараҷа мебошанд;

- таркиби иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабз муайян карда шудааст, ки он шакли пешбурди хоҷагидориро инъикос карда, аз сабаби зиёдшавии хавфҳои низоми экологӣ баҳри дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани некуаҳволии инсоният равона гашта, навъи босамараи рушди иқтисодиро дар амалигардонии маромҳои рушди босубот ифода менамояд, ки дар ин раванд пастшавии дараҷаи буҳрони экологӣ, масрафи босамари захираҳо барои таъмини манфиатҳои ҷамъияти муосир ва наслҳои оянда мавқеи заминавӣ дорад;

- муайян карда шудааст, ки баҳри инкишофи иқтисодиёти сабз ҳамгироии кишварҳои дунё барои истифодабарии технологияҳои камхарҷи энергия, коҳиш додани партови гази гулхонаӣ, коркарди такрории партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад;

- исбот карда шудааст, ки иқтисодиёти сабз бисёр ҷиҳатҳои иҷтимоиро фарогир мебошад, ки баҳри беҳтар намудани муҳити ҳастӣ тавассути муҳайё намудани шароит барои фаъолият ва даромади сазовор, таъмини бемайлон бо оби нӯшокии босифат ва сарчашмаҳои неруи энерге--тикии барқароршавандаи сабз, ҷорӣ намудани навовариҳо ва муносибати

бораҳмона ба низоми экологӣ, эътирофи ташаббусҳои экологӣ аз ҷониби ҷамъият ва ташаккули иқтисодиёти сабзи инклюзивӣ равона карда шудааст;

- муқаррар карда шудааст, ки барои коҳиш додани партофти моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дар истеҳсолот ва шабакаҳои гармитаъминкунӣ дар навбати аввал гузаштан ба гази табиӣ аз сабаби истифодаи технологияҳои нави коҳишдиҳандаи ихроҷи моддаҳои зарарнок чораи муфид арзёбӣ карда мешавад;

- афзалияти коркарди такрории партов дар самти ташаккулёбии иқтисодиёти сабз асоснок карда шудааст, ки мутобиқи он муҳиммияти кӯдакони аз синни томактабӣ ва мактабӣ барои навъбандии партов корҳои фаҳмондадиҳӣ оғоз карда шуда, барои коркард ва безараргардонии партов корхонаҳои коркарди партов ва технологияҳои инноватсионӣ ҷалб ва истифода карда шаванд.

- афзалияти гузариш ба нақлиёти сабзи ҷамъиятӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат аз ҷиҳати экологӣ ва иқтисодӣ исбот кардашуда, дар ин самт густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои пешрафта ва таъминот бо сарчашмаҳои энергияи барқароршавандаи ватанӣ арзёбӣ карда шудаанд, ки ҳамчун самти афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои кишвар арзёбӣ карда мешаванд.

- барои баҳодиҳии дараҷаи фароҳам овардани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар сатҳи минтақаҳои мамлакат истифодабарии нишондиҳандаи ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ва ё афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳо коркард карда шудаанд, ки мантиқи ҳисоби коэффитсиенти пешкаш карда шуда дар он ифода меёбад, ки партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок бештар бо тонна ҳисоб карда шуда, ҳаҷми МММ бо ишораи пулӣ ҳисоб карда мешавад. Бинобар ҳамин ҳангоми ҳисоби коэффитсиенти пешкашшуда тағйирёбии фоизии онҳо барои ҳисоб намудани афзоиш ва ё коҳишёбии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақа ба экология истифода шуданаш лозим аст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва

моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро маълумоти аввалия, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Ҳамчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии маълумот, ҳаҷми кифоягии маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, низомбандӣ, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи иттилоотӣ дар самти пойдоршавии иқтисодиёти сабз, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ, нашри монографияҳо ва воситаҳои таълим тасдиқ мегарданд. Диссертатсиянавис мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста аз нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методологияи таҳқиқотро бо дарназардошти ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар натиҷаҳои илмии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия, аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Алиджанова С.А. натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои ташаккул ва рушди иқтисодиёти сабз ҳамчун асосҳои амалӣ ва татбиқ хизмат карда метавонанд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар инкишофи илми иқтисодиёти минтақавӣ, ба воситаи коркарди муносибатҳои методологӣ оид ба пойдоршавӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар сатҳҳои гуногуни хоҷагидорӣ (микроиқтисод, мезоиқтисод, макроиқтисод ва мегаиқтисод), асоснок намудани мавҷудияти иқтидорҳои зарурӣ барои пойдор намудани иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо дар шароити таъмини тараққиёти индустриалӣ-аграрии мамлакат ва таъмини ҳадафҳои рушди устувор ифода меёбад. Як қатор ақидаҳои илмии пешкаш кардаи муаллиф оид ба масъалаи ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз (ташкили коркарди такрории партовҳо, истифодаи нақлиёти ҷамъиятии сабз, коркарди коэффитсиенти ҳиссиёти партовҳои газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста аз афзоиши ҳаҷми ММД) барои ҳалли мушкилоти пойдор намудани иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо ва ғанигардонии илми иқтисо-

дии ватанӣ мусоидат мекунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодабарии аслии натиҷаҳои бадаст омада дар коркарди барномаҳои махсуси ҳавасмандгардонии инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо аз тарафи мақомотҳои дахлдор (Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо) ифода меёбанд. Хулосаҳои муаллиф оид ба зарурати татбиқи ҳаматарафаи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо дар раванди ташкили курсҳои махсус ба монанди “Иқтисодиёти сабз”, “Иқтисодиёт ва экология”, инчунин барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда хизмат карда метавонанд.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, ҳадафу вазифаҳо, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту предмети таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум - “Асосҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз” моҳият ва маънидодкунии иқтисодиёти сабз муайян карда шуда, мақом ва мавқеъи иқтисодиёти сабз дар консепсияи рушди устувор ва тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, раванди ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ҳамзистии доимии фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷамъиятро тақозо намуда, дар ин бобат барои татбиқи консепсияи рушди устувор дар иқтисодиёти минтақаҳо мусоидат менамояд. Иқтисодиёти сабз ногузир бахшҳои гуногуни ҳаёти одамонро фаро мегирад, ки ниҳоят ба сатҳи зиндагонии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Бо баробари ин, дар шароити тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, дар нишондиҳандаҳои ҳама минтақаҳо ва кишварҳо самтҳои нав ва соҳаҳо ба миён меоянд, ки ногузир бо иқтисодиёти сабз алоқаманд мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар расми 1.5., диссертант таркиби истиллоҳи иқтисодиёти сабз ва бартариҳои экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии онро муқаррар намуда, мавриди таҳлил ва тавсиф қарор додааст (с. 29-30).

Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки иқтисодиёти сабз модели иқтисодиро ифода мекунад, ки он таркиби консепсияи рушди устувор буда, таъминоти якҷояи мақсадҳои рушди босуботро бо фаъолияти хоҷа-

гидории инсон алоқаманд менамояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки новобаста ба корҳои илмии иҷрогардида ва мавҷудбуда, ҷиҳатҳои экологии рушди иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоӣ иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёти сабз таҳлилҳои иловагиро тақозо менамояд. Татбиқи консепсияи рушди устувор бе дарназардошти гузариш ба иқтисодиёти сабз дар замони муосир имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз гуфтан ҷоиз аст, ки гузариш ба иқтисодиёти сабз ва инкишофи он падидаи ногузир, зарурӣ ва роҳи ягона барои ҳамзистии инсон ва табиат мебошад (с. 47-48).

Дар зербоби 1.3. муаллиф тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳониро мавриди таҳлил қарор дода аз он ҷумла қайд менамоянд, ки дар давраи навини тараққиёт қисми зиёди мамлакатҳо кӯшиш карда истодаанд, ки худро ҳамчун кишвари ҳифзкунандаи низоми экологӣ нишон диҳанд. Дар ин радиф онҳо ҳаракат карда истодаанд, ки ба воситаи созишномаҳои бисёртарафаи байналмилалӣ хатарҳои тағйирёбии иқлимро пешгирӣ карда, хатарҳои низоми экологиро бартараф намоянд (с.48). Ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ собит менамояд, ки қисмати калидии он бо муаммоҳои низоми экологӣ, таъмини ҳаҷми истеҳсолоти молҳои зарурӣ, истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ва паст намудани таъсир ба муҳити ҳастии инсон нигаронида шудааст. Ҷоиз ба таъкид аст, ки ташаккулёбии иқтисодиёти сабз фаъолияти якҷояи мамлакатҳои ҷаҳонро баҳри истифодабарии технологияҳои камхарҷи неруи энергетикӣ, паст намудани ихроҷи карбон, коркарди дубораи партови истеҳсолию маишӣ ҳадаф мегирад (с.66-67).

Дар боби дуюми диссертатсия “Ҷиҳатҳои методологии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз” нақши иқтисодиёти сабз дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат, иқтисодиёти сабз ҳамчун самти муосири рушди иқтисодӣ, унсурҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ва ҷанбаҳои иҷтимоии он мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2022 аз тарафи “Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти рушди иқтисодиёти сабз “Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”-ро бо иштироки васеи намояндагони вазорату идораҳо ва шарикони рушд баргузор намуд. Ҳадафи асосии стратегияи қабулгардида

баҳри истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ, ба роҳ мондани маблағгузорӣ барои таъмини истеҳсолот бо технологияи муосир, дастгирии навовариҳо ва густариши иқтисодиёти сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мебошад, ки шарҳи баъзе нуктаҳои консепсия дар с.74-и диссертатсия оварда шудааст.

Ба андешаи муаллиф имконият ва хусусиятҳои ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар ҳошияи рушди босубот дар иқтисодиёти минтақаҳо татбиқи чораҳои зарурииро дар назар доранд: 1. Таъминоти ташкилии инкишофи иқтисодиёти сабз (пойдор намудани низоми молиягузории масъулиятнок, яъне молиягузории лоиҳаҳо, инвеститсияҳои сабз, гардиши вомбаргҳои сабз, танзими давлатии инкишофи технологияҳои сабз дар асоси банақшагирии индикативӣ); 2. Густариши инкишофи ниҳодии иқтисодиёти сабз, мустаҳкам намудани ваколатҳои иҷтимоии субъектони хоҷагидорӣ дар ҳама сатҳҳои иқтисодӣ ва ба роҳ мондани рафтори оқилонаи субъектони хоҷагидории ба принсипҳои иқтисодиёти сабз мутобиқаткардашуда; 3. Таъмини баҳамтаъсиррасонии фаъолияти хоҷагидории ҷамъият ва муҳити зист, яъне ташкили истеҳсолот бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист ва пойдор намудани принсипҳои иқтисодиёти сабз (с. 98-99).

Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар дурнамо бевосита бо амалигардонии бонавбати мақсадҳои он имконпазир мебошад, ки дар ин самт ду нақшаи дурнамоӣ вуҷуд дорад. Банақшагирии дурнамои якум, раванди амалигардонии табаддулоти иқтисодиро ба самти иқтисодиёти сабз дар назар дорад, ки барои он саноати пешрафта ва паст намудани ифлосшавии муҳити зист хос мебошад. Банақшагирии дурнамои дигар ташаккулёбии иқтисодиёти сабзро дар дараҷаи боздории он асос ёфтааст, ки асосан ба мамлакатҳои рӯбатараққӣ, бо дараҷаи пасти тараққиёти саноат, вобастагӣ аз воридот хос мебошад (с.111-112).

Дар боби сеюм - "Вазъи муосири инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон" таҳлили эмпирикии тараққиёти иҷтимоӣ иқтисодии минтақаҳои кишвар бо дарназардошти имкониятҳои инкишофи иқтисодиёти сабз, имконият ва заминаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон, вазъият ва дурнамои истифодабарии технологияҳои сабз дар соҳаҳои хоҷагидории коммуналии минтақаҳо, инчунин

идоракунии партов ҳамчун самти рушди иқтисодиёти сабз мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Эътироф гардидани модели тараққиёт дар асоси иқтисодиёти сабз аз тарафи кишварҳои дунё дар ҳошияи консепсияи рушди устувор, “ташаккули қисматҳои он дар сатҳи ҷаҳонӣ, миллӣ ва минтақавӣ ба назар расида, аз тарафи муҳаққиқон ба таври мухталиф мавриди муҳокима қарор дода шуда, дар муносибатҳои байнимамлакатӣ мақоми устуворро пайдо кардаанд”. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф, дар ин росто дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан дар минтақаҳои алоҳидаи он масъалаҳои иқтисодӣ бе дарназардошти мушкилоти экологӣ ҳалли пурра ва самараноки худро дарёфта наметавонанд. Барои ташаккулдиҳии амсилаи иқтисодиёти сабз шароитҳои мусоид лозим арзёбӣ карда мешаванд, ки вобаста аз хислат ва вазъи иқтисодиву низоми экологии минтақаҳо вобаста аст. Дар ин бобат ба иқтисодиёти минтақаҳо зарур аст, ки барои паст намудани дараҷаи вобастагӣ аз воридот ва содироти масолеҳ ва ашёи хом кӯшиш ба харҷ диҳанд (с. 140).

Рисоланавис дуруст қайд менамояд, ки татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз бевосита барои афзоиши иқтидори иқтисодии минтақаҳо, беҳтар намудани сифати муҳити зист равона карда шуда, ҳалли чунин масъалаҳоро фарогир мебошад: аниқ кардани пояҳои асосии амалигардонии принсипҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон; муқаррар намудани нишондиҳандаҳо барои арзёбии самаранок ва одилона барои фаъолияти хоҷагидорӣ мувофиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз; ҷудо намудани соҳаҳо ва бахшҳои афзалиятнок барои ташаккули иқтисодиёти сабз; ташаккулёбии маҷмӯи чораҳои институтсионалӣ ва соҳавӣ доир ба татбиқи консепсияи иқтисодиёти сабз (с.151).

Дар самти таъминот бо қувваи барқ ҳамчун унсури таркибии рушди иқтисодиёти сабз дар низоми иқтисодии минтақавӣ як қатор хусусиятҳои 166 соҳавиро бояд ба назар гирифт, ки бо ду ҷиҳати асосӣ маънидод карда мешаванд. 1. Ҷиҳати тактикӣ: таъминоти иқтидорҳои зарурӣ барои таъмини эҳтиёҷоти мавҷудбуда бо дарназардошти сатҳи истифодабарии қувваи барқи мавҷудбуда ва пешгӯикунии афзоиши он. Ҷиҳати мазкур таъминоти муттасили корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар истеъмолкунандагон, объектҳои иҷтимоии зарурирро (беморхонаҳо, мактабҳо, боғчаи бача-

гон ва ғайраҳоро) бо қувваи барқ дар назар дорад. 2. Ҷиҳати стратегӣ: дурнамои таъминот бо қувваи барқ, таъсиси иқтидорҳои захиравӣ барои ташаккулдиҳии иқтидорҳои нав барои истеъмолкунандагон ва инкишофи иқтидорҳои мавҷудбуда барои таъмини баланд намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Дар ин росто ба инобат гирифтани васеъшавии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, бахши саноатии истеҳсолоти минтақавӣ ва зиёдшавии эҳтиёҷоти аҳолӣ аҳаммияти калон дорад (с.167).

Боби чоруми диссертатсия – "Хусусиятҳои минтақавии инкишофи иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон" барои таҳқиқи инкишофёбии энергияи барқароршаванда, афзалиятҳои истифодабарии нақлиёти сабз дар минтақаҳо, ташкил ва густариши шуғли сабз нигаронида шудааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки барои ташаккулдиҳии амсилаи иқтисодиёти сабз дар ҷодаи истифодабарии сарчашмаҳои неруи энергетикии барқароршаванда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати ташаббускор ҳамкории судмандро бо кишварҳои ҳамсоя ба роҳ мондааст. Дар ин росто сохтмони пули энергетикӣ байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар доираи лоиҳаи "CASA-1000" мисол шуда метавонад. Ин лоиҳа қобилият дорад барои содироти неруи энергетикии барқароршаванда аз Тоҷикистон ба Қирғизистон, баъдан ба низоми энергетикии Афғонистон ва Покистон хизмат намояд. Амалигардонии лоиҳаи мазкур ҳамчун инкишофдиҳандаи муносибатҳои иқтисодӣ, рушди соҳаҳои саноат ва таъмини амнияти энергетикӣ дар минтақаҳои ҷанубӣ ва марказии Осиё мусоидат намояд (с.207).

Дар зербоби 4.2, ки оиди нақлиёти сабз дар таъмини инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо сухан меравад,  муаллиф дар қатори дигар чорабиниҳо ҳамзамон қайд менамояд, ки барои мубаддал кардани нақлиёти сабз аз мӯд барои сарватмандон ба тамоюли умумии устувор, он бояд дорои инфрасохтор ва дастгарии ҳаматарафаи давлат қарор гирифта бошад. Дар ин ҷода бояд қарзҳои нисбатан арзон барои харидорӣ намудани нақлиёти барқӣ пешбинӣ шавад. Дар "Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028", мақомотҳои дахлдори давлатӣ нақша доранд, ки нақлиёти барқӣ ва гибридро дар минтақаҳои мамлакат васеъ паҳн намояд. Чунин ҳадаф ба соҳаи нақлиёти сабз на танҳо барои ҳифзи муҳити зист ва вазъияти

экологӣ, инчунин аз ҷиҳати мавҷуд набудани сарчашмаҳои дохилии коркард ва истеҳсоли сӯзишвории анъанавӣ ба монанди маҳсулотҳои нафтӣ ва 216 газ самаранок ба ҳисоб меравад. Зеро Тоҷикистон яке аз кишварҳои пешсаф дар истеҳсоли неруи барқӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ҳавасмандгардонии инкишофи нақлиёти сабз заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад (с.216-217).

Ба андешаи муаллиф як аз унсурҳои муҳими рушди иқтисоди сабз - ин ташаккулёбии шуғли сабз мебошад, ки ҳангоми ташкили ҷойҳои корӣ бо дарназардошти омилҳои низоми экологӣ сурат мегирад. Гуфтан мумкин аст, ки амалигардонии чораҳо доир ба ташаккулёбии шуғли сабз дар бозори меҳнат дар раванди пойдоргардии иқтисодиёти сабз, бо назардошти намуди фаъолият, ба инобат гирифтани принсипҳои ҳифзи муҳити ҳастӣ, ҳислати иҷтимоӣ ва ғайраҳо сурат мегирад. Ҷиҳати асосӣ дар ин ҳолат алоқаи мутақобилаи бозори меҳнат ва душвориҳои низоми экологӣ баромад мекунад, ки барои ташаккули шуғли сабз зарур арзёбӣ карда мешавад. Бо ибораи дигар инкишофёбии шуғли сабз арзёбии дараҷаи таасуроти дигаргуниҳои муҳити ҳастиро ба нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар назар дорад. “Чунин вазъият соли 2007 аз тарафи Созмони умумиҷаҳонии меҳнат (СУМ) ба инобат гирифташуда бошад ҳам, то ҳол андешаи мувофиқ доир ба масъалаи арзёбӣ ва идоракунии шуғли сабз дар низоми иқтисодӣ ба таври пурра ташаккул наёфтааст”. Сиёсати шуғли аҳолӣ, ки дар риоя намудани принсипҳои истифодабарии оқилонаи захираҳо асос ёфтааст метавонад муътадилии бозори меҳнат ва коҳишёбии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоиро таъмин намояд (с. 229).

Дар боби панҷуми диссертатсия “Ҳадафҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон” муносибати стратегӣ оид ба инкишофи иқтисодиёти сабз ҳамчун унсури рушди устувори минтақаҳо, самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон, такомули низоми нишондиҳандаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар сатҳи минтақаҳо таҳқиқ карда шудаанд.

Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки неруи асосии пешбарандаи ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз ҳамкории судманди бахши хусусӣ ва сохторҳои давлатӣ мебошад, ки ба шарофати амал намудани самараи синергетикӣ ба назари эътибор гирифта мешавад. Бахши хусусии

иқтисодиёт, ки асосан бо фаъолияти соҳибкории хурду бузург тавсиф карда мешавад, ки барои ноилгардии як қатор самараҳо бо ибтикори худ баромад менамоянд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, ба чунин сарчашмаҳои самараҳои бахши хусусӣ инҳо дохил мешаванд: - мусоидат ба тараққиёти илму техника ва технология баҳри рушди истеҳсолоти соҳаҳои мухталиф; - ташаббускорӣ дар таъмин намудани шуғли аҳолӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, пардохти музди меҳнат барои коргарони кироя; -таъсиррасонии мусбат ба муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ; - субъекти хоҷагидории аҳамияти минтақавӣ ва миллӣ дошта дар ҷодаи инкишофи муносибатҳои байнимамлакатӣ (с. 249-250).

Дар зербоби 5.2., муаллиф менависад, ки бо дарназардошти имкониятҳо, монеъаҳо ва хусусиятҳои муайянгардидаи рушди иқтисодиёти сабз ҳамчун зернизоми таъминоти рушди босубот амалигардонии чунин чораҳо фаро гирифтанаш мувофиқи мақсад мебошад: - фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккулёбии иқтисодиёти сабз: таъсиси тартиби маблағгузории ҳадафнок барои лоиҳаҳои хоҷагидории сабз, инвеститсиякунии сабз, ташкили хариду фурӯши коғазҳои қиматноки сабз дар бахши хусусӣ ва давлатӣ ва ғайраро фарогир мебошад; низоми давлатии танзими инкишофи технологияҳо ва истеҳсолоти ҷавобгӯ ба принсипҳои иқтисодиёти сабз, истифодабарии ҳамаҷонибаи нақшагирии индикативӣ дар танзими давлатии ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз; - низоми ёрирасони ниҳодҳои ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз: зиёдшавии миқдорӣ ва такмили сифатии ваколат ва ӯҳдадории иҷтимоии ташкилот ва корхонаҳо; пойдоршавии рафтори субъектони иқтисодӣ аз рӯи принсипҳои иқтисодиёти сабз; коркард ва қабул намудани стандартҳои технологӣ ва маҳсулоти ба меъёрҳои экологӣ ва сарфакунандаи захираҳо мутобиқат мекарда; таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон вобаста ба принсипҳои иқтисодиёти сабз; - низоми ёрирасон барои таъминоти ҳамаҷонибаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳифзи муҳити ҳастӣ ва ғайраҳо (с. 271).

Фикру андешаҳои худро дар зербоби ниҳоии диссертатсия (яъне зербоби 3.3.) ҷамъбаст намуда, муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ба натиҷаҳои зиёди ниҳоӣ оварда мерасонад, ки ҷиҳатҳои мухталифи ҳаёти ҷамъият, экология ва иқтисодиётро фарогир мебошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо қайд намудан зарур аст, ки яке

аз натиҷаҳои ниҳоии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ин таъмини рушди иқтисодии устувор дар асоси истифодабари технологияҳои босамари ҷавобгӯ ба низоми экологӣ, паст кардани харҷи неруи энергетикӣ ва захираҳои табиӣ, баланд намудани самаранокии истеҳсолӣ эътироф карда мешаванд. Дар навбати худ ҳамаи ин натиҷаҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои энергетикаи барқароршаванда, коркарди партов ва кишоварзии органикӣ мусоидат менамояд, ки ин нуктаҳо дар саҳифаҳои 275-276-и диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар хулоса ва пешниҳодот, ки аз 15 банд иборат мебошад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мутобиқат ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда хулосагузорӣ карда шудаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Алиджанова С.А. натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон ҳамчун асосҳои амалӣ ва татбиқи хизмат карда метавонанд. Як қатор ақидаҳои илмии пешкаш кардаи муаллиф оид ба масъалаи ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз (ташкили коркарди такрории партовҳо, истифодаи нақлиёти ҷамъиятии сабз, коркарди коэффитсиенти ҳиссиёти партовҳои газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста аз афзоиши ҳаҷми МММ) барои ҳалли мушкилоти пойдор намудани иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо ва ғанигардонии илми иқтисодии ватанӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодабарии аслии натиҷаҳои бадаст омада дар коркарди барномаҳои махсуси ҳавасмандгардонии инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо аз тарафи мақомотҳои дахлдор (Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо) ифода меёбанд. Хулосаҳои муаллиф оид ба зарурати татбиқи ҳаматарафаи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо дар раванди ташкили курсҳои махсус ба монанди “Иқтисодиёти сабз”, “Иқтисодиёт ва экология”, инчунин барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда хизмат карда метавонанд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот 26 кори илмӣ ва илмӣ-методӣ чоп карда шудааст, ки аз он 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монографияи дастаҷамъона, 1 монографияи муаллифӣ ва 9 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун ба нашр расидаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо, ҳамзамон баъзе пешниҳодҳо барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳ ва сифати диссертатсия баррасӣ карда мешавад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Чи тавре, ки аз номгузории зербоби 1.1. бармеояд, он асосан ба «Табиат ва тавсифи "иқтисодиёти сабз" бахшида шудааст, ки дар зербоб тавсифи иқтисодиёти сабз, бахусус аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аммо хубтару беҳтар мебуд ҳамзамон муаллиф дар қатори дигар таҳқиқотҳо, фикру андешаҳои олимони русиягию ватаниро оиди тавсифи иқтисодиёти сабз низ оварда мавриди таҳлил қарор медод.

2. Мувофиқи номгузори зербоб, дар зербоби 3.3. муаллифи диссертатсия вазъ ва дурнамои истифодабарии технологияҳои сабз дар соҳаи хоҷагидории коммуналии минтақаҳои Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мазмун ва мундариҷаи зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дурнамои истифодабарии технологияҳои сабз дар соҳаи хоҷагидории коммуналии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон лоаққал барои 5-10 соли оянда пешниҳод менамуд.

3. Аз номгузории зербоби 3.4. бармеояд, ки он ба идоракунии партов - ҳамчун самти рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон бахшида шудааст, ки қисмати аввали зербоб аз таҷрибаи хориҷӣ ва қисмати ҷамъбастии зербоб бо рақаму далелҳо аз ноҳияҳои алоҳидаи минтақаи Суғд ҷамъбаст шудааст. Аз нигоҳи мо хубтару беҳтар мебуд, дар қатори дигар чорабиниҳои ба идоракунии партовҳо мусоидаткунанда ҳамзамон муаллиф фикру пешниҳодҳои худро оиди коркарди дубораи партовҳо ва сохтани чунин корхонаҳо бо назардошти лоаққал партовҳои аз қабили шиша, когаз, оҳан, пластмасса ва пластика дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд оварда асоснок менамуд.

4. Мувофиқи номгузории зербоби 4.1. он ба инкишофи неруи энергияи барқароршаванда - ҳамчун ҳадафи инкишофи иқтисодиёти сабз бахшида шуда, аз он ҷумла рушди гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ мавриди таҳлили пурра қарор дода шудааст. Новобаста аз оне, ки зиёда аз 98 %-и истеҳсоли энергияи барқароршаванда, ки ҳамчун “энергияи сабз” муаррифӣ гардидааст асосан аз НОБ-ҳои ҷумҳурӣ ба даст меояд, хубтар мешуд ҳамзамон муаллиф дар қатори гидроэнергетика инчунин рушди неруи энергетикии барқароршаванда ба мисли офтобӣ, шамолӣ (бодӣ) ва ғайраҳоро дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор медод. Аз нигоҳи мо истифодаи маҷмӯӣ (комплексӣ)-и намудҳои гуногуни энергия метавонист ҳарҷӣ бештару тезтар дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикии ҷумҳуриро таъмин созад.

5. Чи тавре, ки аз мазмун ва мундариҷаи зербоби 5.2. бармеояд он ба самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон бахшида шудааст. Ҳамзамон хубтару беҳтар мебуд агар муаллифи диссертатсия оиди фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва нақши онҳо - ҳамчун омили баланд бардоштани рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ фикру андешаҳои худро асоснок ва пешниҳод менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
д.и.и., профессор, мудири кафедраи
иқтисоди миллӣ ва бехатарии
иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ Раҳимзода Ҳ.Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, А. Ғуломов, хонаи 11/5 ҳуҷраи 61.
Тел: (+992) 918-40-61-42
Email: isam@mail.ru

“26” ноябри соли 2025

Имзои Раҳимзода Ҳ.Р. -ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (+992) 221-78-11

“26” ноябри соли 2025